**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи илмии Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психология аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ.

Рисолаи илмии Сафарова Заррина Раҷабовна ба мавзӯи мубрам ва камтаҳқиқшудаи илмии психологияи муосир бахшида шудааст. Дар замони муосир афзудани миқдори оилаҳои нопурра, ки зуҳуроти ба худ хоси иҷтимоӣ дорад, яке аз проблемаҳои муҳими иҷтимоӣ-психологӣ ба шумор меравад. Азбаски ин проблема раванди иҷтимоишавии кӯдаконро душвор гардонида, нокифоягии таъминоти моддӣ ва вайроншавии вазифаҳои репродуктивии оиларо ба вуҷуд меорад, ҳамчун масъалаи мубрам боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, зарурати аз нигоҳи психологӣ баррасӣ намудани ин падидаи иҷтимоӣ-психологӣ, ки дар он кӯдакон ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардида, вобаста ба синну сол, ҷинс, мақеи иҷтимоӣ мавриди таъсири психологии аҳли хонавода қарор мегиранд, пеш меояд.

Бояд зикр намуд, ки фароҳам овардани муносибатҳои солими оилавӣ ва ба инкишофи шахсияти кӯдак мусоидат кардани омили зикргардида яке аз масъалаҳои мубрами психологияи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Бешубҳа, дар рушду камоли сифатҳои маънавӣ-психологии кӯдак саҳми оилила басо бузург аст, зеро ибтидои ташаккулёбии хислатҳои шахсияти бача маҳз дар оила пойдор гардида, инкишофи минбаъдаи хулқу атвори ӯ ба ҳамин зинаи синну солӣ рост меояд.

Дар автореферат мақсади таҳқиқ амиқ муайян гардида, омилҳои объективии мурочиат намудани унвонҷӯ ба мавзӯи мазкур таъкид шуда, методҳои асосии тадқиқот ва вазифаҳои рисолаи илмӣ нишон дода шудааст.

Бо назардошти маводҳои автореферат, муаллиф кори бузург ва арзишманде кардааст. Муаллиф адабиёти илмӣ-методоиро оид ба

проблемаи таҳқиқ таҳлил намуда, роҳҳои гуногунро барои муайян намудани мафҳумҳои «оилаи нопурра», «хонавайронӣ», «таъсири психологӣ» ва ғайраҳо таҳқиқ менамояд ва мазмуну моҳияти онҳоро ошкор карда, мушкилоти онро муайян месозад.

Натиҷаҳои ба дастомада имкон медиҳад, ки проблемаҳои шахсии кӯдакони оилаҳои нопурра дар низоми муносибатҳои оилавӣ муайян карда шуда, барои дар оянда бартараф намудани мушкилиҳо ва таъмини ёрии психологӣ чораандешӣ шавад.

Барои тасдиқи мавқеи назариявӣ аз ҷониби муаллиф сохтори низоми муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдакон ва калонсолон, ки ба рушди кӯдак мусоидат менамояд, пешниҳод мегардад.

Эътимотднокии натиҷаҳои бадастомадаи илмҷӯ бо далелҳои муътаманди озмоишӣ эътимодбахши озмоишӣ ва хулосаҳои илмӣ асос ёфтааст. Саҳеҳии маълумотҳои таҷрибавӣ бо истифодабарии восита ва маводҳои методии муосир таъмин карда шудааст.

Умуман, автореферати рисолаи илмии Заррина Сафарова ва пешниҳоди рӯйхати корҳои нашргардидааш ба таври пурра дар бораи мазмуни асосии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор маълумот медиҳад. Сохтор ва мантиқи тадқиқот ба мақсад ва вазифаҳои зикршуда мувофиқат мекунад. Маҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшуда асоснок ва исботшаванда мебошад.

Таҳқиқи автореферати Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» ба мо имкон медиҳад, ки кори пешниҳодшударо ҳамчун таҳқиқи банҷомрасида баррасӣ намоем, ки ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 дар бораи «Тартиби додани унвон ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор) ба рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Сафарова Заррина Раҷабовна барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
Директори муассисаи давлатии
«Китобхонаи миллии Тоҷикистон» - и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

28 феврали соли 2020

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, кучаи Теҳрон 5.
E-mail: f.jumakhon@mail.ru
Тел.(+992) 918506324

Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори шуъбаи кадрҳои
МД «Китобхонаи милли Тоҷикистон»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода М.
28 феврали соли 2020